*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*734067, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода ба диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) (10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 такмили рушди фаъолияти институтҳои молияviро ҳамчун муҳаррики асосии рушди бозори молиявӣ ва танзимгари муносибатҳои иқтисодӣ тақозо мекунад. Инчунин, фаъолияти низоми бонкии Тоҷикистон дар давраҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ( 2008-2009) ва буҳрони низоми бонкии миллӣ (2015-2020) нишон дод, ки фаъолияти устуворонаи институтҳои молиявию қарзӣ ҳамчун омили суботи иқтисодӣ баромад намуда, таҳияи стратегияи пурсамари рушд метавонад таъсироти манфиро барҳам диҳад. Зеро, ҷиҳати нигоҳдории сатҳи пасти таваррум, таъмини

рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар фаъолияти назарраси институтҳои молиявӣ зарур арзёбӣ карда мешавад. Ин раванд, зери таъсири доимии омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба таваррум таъсир мерасонад, ба чунин ҳолат овард, ки дар таъмини суботи молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ на фақат маҷмӯи омилҳои пулию қарзӣ (меъёри фоизҳо, пардохтпазирӣ), балки омилҳои ғайримонетарӣ (сиёсати фискалӣ, хариди давлатӣ, амнияти озуқаворӣ, таъминоти логистика) афзун гардида, зарурияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои гуногуни давлатиро бо низоми бонкӣ такмил дода, аҳамияти стратегияи идоракунии бонкҳои тиҷоратиро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ тақвият мебахшад.

Таҳқиқотҳо собит месозанд, ки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ аз самтҳои афзалиятнок ва муҳими фаъолияти ин ниҳодҳои молиявӣ маҳсуб ёфта, солҳои охир аҳамиятнокии бештареро касб намудааст. Масъалаи мавриди таҳқиқ қароргирифта бо тағйиротҳои куллӣ дар низоми молиявӣ алоқамандии амиқ дошта, он метавонад ба раванди устувории макроиқтисодии мамлакат таъсири мусбӣ расонад. Зеро рушди бемайлони воситаҳои технологӣ дар фаъолияти институтҳои молиявӣ, истифодаи инноватсиҳо ва мавриди корбурд қарор гирифтани зеҳни сунъӣ раванди фаъолияти бонкиро тағйир дод. Вобаста ба ин нигоҳдории сатҳи баланди рақобатпазирӣ ва таъсири суботи молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ таҳияи стратегияи мушаххас, ки фарогири вазъи муосири бозори хизматрасониҳои бонкӣ бошад, зарур арзёбӣ карда мешавад. Бар замми ин, стратегияи рушд ва таҳияи оқилонаи он метавонад барои бартараф намудани ҳолатҳои ногувори иқтисодӣ, махсусан бухронҳои молиявӣ, суботи молиявиро таъмин сохта, даромаднокиро нигоҳ дорад.

Бухрони бонкӣ, ки солҳои 2015-2020 ба вуҷуд омад, ба рушди низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонид. Ин бухрон сабаб гардид, ки ҳароҷотҳои буҷавӣ афзоиш ёбанд ва ҳаҷми қарзи давлатии дохилӣ зиёд шуда, марҳилаи барқарорёбии низоми бонкӣ, коҳиши ҳаҷм ва ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ ва қарзҳои бонкӣ ба иқтисодиёт нисбат ба ММД ва дигар зуҳуротҳо таъсир расонад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон зиёда аз 40%-и қарзҳои бонкӣ ба қонеъ гардонидани талаботҳои истеъмолии шарҳвандон равона гардидааст ва барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ камтар аз 25%-и сандуқи қарзии низоми бонкӣ равона гардидааст, ки ба ҷараёни рушди соҳаҳои иқтисоди воқеӣ метавонад таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин, масъалаҳои таҳияи асосҳои назариявию методологии такмили идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути таҳияи стратегияи рушд ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар ин самт дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад. Дар алоқамандӣ ба гуфтаҳои боло мубрамияти таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамоем.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсияи Қобилова Ш.Т. дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ» дар таҳияи асосҳои назариявию методологии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, мукаммалгардонии механизми ташкили стратегияи рушд ва дар ин замина пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок арзёбӣ карда мешавад.

**Навгониҳои илмии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд аз инҳо иборат мебошанд:**

– ҷанбаҳои назариявии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба таври муфассал таҳлил гардидааст, инчунин маҷмуи консепсияҳо ва мактабҳои илмие, ки ба мавқеи низоми бонкӣ дар иқтисодиёт ва зарурияти таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ баҳри таъмини рушди устувор ва самараноки иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои мухталифи он замина мегузорад, гуруҳбандӣ гардиданд. Дар радифи ин, аз ҷониби муаллиф таърифи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ пешниҳод шуда, тартиби таҳияи стратегия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз сатҳи хуби таҳқиқот дар ин самт дарак медиҳад;

– омилҳои ба раванди таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ таъсирбахш (дар заминаи асосҳои институтсионалӣ, омилҳои иқтисодӣ, омилҳои иҷтимоӣ, инноватсионӣ ва омилҳои дохиливу берунӣ) гуруҳбандӣ карда шуда, сатҳи таъсири он ба татбиқи самараноки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ баҳогузорӣ гардидааст, ки он метавонад баҳри ба роҳ мондани фаъолияти густурдаи институтҳои молиявӣ кӯмак расонад;

– ҳолати муосири бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, муайян шудааст, ки стратегияи рушд имкон фароҳам меоварад мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ устувор нигоҳ дошта шавад, илова ба он аҳамияти технологияҳои муосири инноватсионӣ баҳри татбиқи стратегияи рушд баҳогузорӣ гардидааст, ки ин амал воқеан дар шароити ба таври рақамӣ амал намудани иқтисодиёт зарурӣ арзёбӣ мегардад, гузашта аз ин дар натиҷаи омузиши амиқи консепсияҳои мухталиф дараҷаи татбиқшавии стратегияи рушд мушаххасан баҳогузорӣ шудааст, ки бозгукунандаи таҳлилҳои амиқ мебошад;

– ҷанбаҳои афзалиятноки татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ асоснок карда шуда, тақвияти стратегияи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ зарур арзёбӣ гардидааст, инчунин мушаххас гардидааст, ки стратегияи рушд вобаста ба ҳолатҳои ноустувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити таҳкимёбии рақобатнокӣ дар бозор метавонад, ки

аҳаммияти бештарро касб намуда, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ ва бозоргирии бонкҳоро таъмин созад.

Дар **муқаддима** (саҳ. 4-14) мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум – «Асосҳои назариявии рушди стратегии бонкҳои тиҷоратӣ дар иқтисодиёт» (саҳ. 15-63)** ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бонкҳо ва аҳаммияти он дар раванди муосири иқтисодӣ, стратегия рушд ва аҳамияти иқтисодии он дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳо, шаклҳо ва давраҳои асосии банақшагирии стратегӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва омилҳои ба раванди ташкили стратегияи рушд таҳқиқот анҷом дода шудааст.

Муаллиф стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун объекти таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор дода, ҷанбаҳои гуногуни онро ба риштаи таҳқиқ мекашад ва дуруст қайд менамояд, ки бӯҳронҳои пай дар пайи молиявӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва институтҳои молиявӣ таъсири манфии зиёд расониданд (саҳ. 17). Дар воқеъ бӯҳронҳои гуногунсатҳ ба ҷараёни фаъолияти институтҳои молиявӣ тағйиротҳои зиёдеро ба вуҷуд оварда, ин ташкилотҳоро ба он водор намуданд, ки раванди фаъолияти анъанавии худро бознигарӣ намоянд.

Зимни таҳқиқ асосҳои назариявии стратегияи рушд ва умуман мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар иқтисодиёт андешаҳо ва фикру консепсияҳои олимони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ (классикӣ, неоклассикӣ ва ғайра) ба монанди А. Смит, Ҷ.М. Кейнс, К. Маркс, И. Шумпетер, П. Самуэлсон, Д. Рикардо ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифта шудаанд. Асарҳои ин намояндагони мактабҳои иқтисодӣ ба таври комил омӯхта шуда, дар раванди таҳқиқоти мазкур истифода гардидаанд, ки онро ҳамчун яке аз паҳлуҳои муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар баробари ин, саҳми олимони муосири рус (Н.А. Тисячникова, П.П. Ковалев, Ю.Ю. Русанов ва дигарон) дар таҳқиқоти мазкур назаррас буда, ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ бояд тартиби гардиши захираҳои молиявӣ-пулиро ба роҳ монда, сармоягузории соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиро таъмин созанд (саҳ. 19-22).

Аз тарафи муаллиф таҳқиқотҳои олимони ватанӣ (З.А. Раҳимов, Х. Умаров, А.К. Қурбонов, У.С. Ҳикматов, И.Х. Давлатов, Б.М. Шарифзода ва дигарон) низ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст, ки аз дараҷаи

таҳқиқоти назарраси диссертант хабар медиҳад, инчунин аҳаммияти низоми бонкӣ дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои мухталифи хоҷагидорӣ баланд арзёбӣ шудааст. (саҳ. 16-17).

Муаллифи рисола дар ҷадвали 1.1. давраҳои ташаккули стратегияи рушдро гуруҳбандӣ карда, онро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудааст, ки ба назари мо метавонад қобили қабул бошад. Зимни гуруҳбандӣ бештар ба ҷанбаҳои консептуалӣ аҳамият дода шудааст, ки саҳеҳияти онро боз ҳам қавӣ мегардонад (саҳ. 19). Дар асоси ин гуруҳбандӣ муаллиф чунин андешаеро изҳор мекунад, ки «Имрӯз, дар ҳолати ноустувории иқтисодӣ, афзоишёбии буҳронҳои молиявӣ ва таҳкимёбии сатҳи рақобатнокӣ дар бозори бонкӣ аҳамияти стратегияи рушд боз ҳам муҳимият касб менамояд». Воқеан, метавонем дарҷ намоем, ки стратегияи рушд, ки фарогири кулли паҳлуҳои фаъолияти бонк аст, метавонад дар таъмини суботи молиявии бонки тиҷоратӣ нақши калидӣ дошта бошад.

Дар рисола қайд шудааст, ки «иқтисоди муосир дорои хусусиятҳо ва принсипҳои хоси худ буда, аз субъектони иқтисодӣ тақозо менамояд, ки бо назардошти вазъи муосир фаъолияти худро роҳандозӣ намоянд» (саҳ. 31). Ин ақида қобили қабул мебошад, бо асос, ки муаллиф бештар ба тағйиротҳои бемайлони рушди бозори молиявӣ аҳамият дода, ба он назар аст, ки баҳодиҳии бозор дар чунин ҳолат барои бонкҳои тиҷоратӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад ва ин омил метавонад, ки боиси ғайрисамаранокии стратегияи рушд гардида бошад. Нуктаи муҳимеро бояд қайд намоям, ки дар саҳифаи 32-юми рисола муаллиф ба ҷараёни банақшагирии стратегияи рушд аҳамияти ҷиддӣ дода, онро ба таври расми 1.5. пешниҳод кардааст. Ин омил боис мешавад, ки раванди иҷроиши стратегияи рушд ба таври самаранок ба инобат гирифта шавад ва сатҳи татбиқи он таъмин гардад.

Таҳлили васеъ ва омузиши вазъи муосири низоми бонкии мамлакат ба муаллиф имконият додааст, ки омилҳои ба стратегияи рушди бонҳои тиҷоратӣ таъсиррасон ва паҳлуҳои мухталифи онро гуруҳбандӣ намояд. Гуруҳбандӣ намудани омилҳо метавонад барои бонкҳои тиҷоратӣ имконияти бештари баҳогузории ҳолати бозорро ба амал бароварда, сифати иҷроиши стратегияи рушдро таъмин намояд. Махсусан дар расми 1.8. муаллиф омилҳои таъсирбахшро ба ду қисмати асосӣ ҷудо намуда (макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ) онҳоро шарҳи васеъ додааст (саҳ. 40). Вобаста ба ин, муаллиф дар диссертатсия чунин қайд мекунад, ки «ҷиҳати таъмини муваффақияти бонк дар бозор ба ташаккули бартарият нисбат ба рақибон дар бозор бояд хусусиятҳои зерини бозор баҳогузорӣ ва гурӯҳбандӣ карда шаванд: - талаботи муштариён дар бозор; - нишондиҳандаҳо ва тартиби пешниҳоди хизматрасонҳо; - нишондиҳандаҳои рақобатнокӣ; - вежагиҳои

муҳити бозор; - ҳолати молиявии рақибон дар бозор; - дараҷаи таъминнокии бонк бо таҷҳизоти муосири бонкӣ ва ҳоказо». Ин раддабандиро муаллиф метавонист, ки бо назардошти таъсири омилҳои беруна ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат иҷро намояд, вале ба ҳар ҳол онро қобили қабул арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулосаҳои назариявӣ-методологии муаллифи рисола оиди стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, алалхусус таъсири стратегияи рушд ба самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи стратегияи рушд дар заминаи банақшагирии стратегӣ, баландбардории мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси истифодаи ҳадафҳои стратегии бонк, таъмини суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун нишондиҳандаи калидӣ дар таҳияи стратегияи рушд ва ғайра, илман асоснок арзебӣ мегардад (саҳ. 45).

Муаллиф дар такя ба ҳолати муосири низоми бонкӣ ва сатҳи татбиқи стратегияи рушд аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ мушкилотеро муайян намудааст, ки метавонанд барои таҳияи самараноки стратегияи рушд монеа эҷод намоянд. Аз ҷумла муаллиф ба он назар аст, ки норасоии захираҳои пулӣ, истифодаи ғайрмақсадноки сармояи мавҷуда, коҳишёбии эътимод ба бонкҳои тиҷоратӣ, рақобати ғайриҳирфаӣ, таъсири бухронҳои молиявӣ ва ғайраҳо имконияти татбиқи самараноки стратегияи рушдро бозмедоранд. Баҳри бартараф намудани онҳо истифодаи усулҳои таъсиррасон (дар асоси истифодаи механизми меъёрии ҳуқуқӣ (яъне қабули санадҳои меъёрӣ вобаста ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, тағйирот ба қонуну санадҳои мавҷуда, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ), аз тарафи муаллиф пешниҳод шудаанд ва илман асоснок мебошад (саҳ. 60-63).

**Дар боби дуюм – «Татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (саҳ. 64-111)** татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ баҳогузорӣ шуда, ҳолати муосири рушди низоми бонкии мамлакат ва ташкили стратегияи рушд баррасӣ гардида, инчунин аҳамияти технологияи муосир дар раванди татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун аз самтҳои асосӣ ва калидии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ гардидааст (саҳ. 68-70). Дар ин замина қайд кардан зарур аст, ки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар доираи имкониятҳои молиявии бонк таҳия гардида, роҳу усулҳои татбиқи он коркард карда шаванд. Танҳо дар чунин ҳолат имконияти фарох барои татбиқи самараноки он ба вуҷуд меояд. Муаллиф дар заминаи баррасии адабиёти соҳавӣ ва таҳқиқи андешаҳои мухталифи коршиносон ба чунин ақида мерасад, ки «ҳангоми арзёбии самаранокии стратегия, бояд меъёри мураккабии хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳо барои муқоиса ба назар

гирифта шаванд, ки аз рӯи онҳо баҳогузорӣ анҷом дода мешавад» (саҳ.67). Аммо нисбат ба ин назари муаллиф қайд намудан ба маврид аст, ки дар чунин ҳолат метавонанд душвориҳо ба вуҷуд оянд. Яъне нишондиҳандаи мушаххас вобаста ба муайянсозии рушди фаъолияти инноватсионии бонки тиҷоратӣ вуҷуд надорад, ки боиси баҳогузории ғайрисамаранок мегардад.

Диссертант нишондиҳандаҳои асосии рушди инноватсионии бонки тиҷоратиро пешниҳод намудааст, ки ҳамчун омилҳои аввалия қобили қабул мебошанд. Масалан дар саҳифаи 68-уми диссертатсия омилҳои болозикр чунин оварда шудаанд: - коэффисиенти сифат; - рушди босуботи нишондиҳандаҳои молиявӣ; - мутобиқшавӣ; - қобилияти ба тағйиротҳо тобоварӣ; - қобилияти тағйирдиҳии самти фаъолияти бонк; - сифати менеҷмент; - усулҳои идоракунӣ. Нишониҳандаҳои аз ҷониби муаллиф қисмат гардидаро метавонем бо назардошти вуҷуд доштани асосҳои институтсионалӣ ҳамчун заминавӣ қабул намоем ва дар оянда онҳо метавонанд, ки афзун гарданд.

Муаллиф чунин андеша дорад, ки ҷиҳати баҳодиҳии татбиқи самараноки стратегияи рушд равиши мушаххасе вуҷуд надорад ва ин боис мешавад, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар аксари ҳолат ба таври алоҳида аз равишҳои гуногун ва дар баъзе ҳолат аз равишҳои коркарднамудаи дохилибонкӣ истифода менамоянд (саҳ. 69). Равишҳои мухталиф дар ин ҷода вуҷуд доранд ва бонкҳо дар шароити муосири иқтисодӣ равишҳоеро интихоб менамоянд, ки бо назардошти иқтисоди рақамӣ ва рушди инноватсионӣ таҳия шудаанд. Муаллиф ҷиҳати баҳодиҳии татбиқи стратегияи рушди бонки тиҷоратӣ равиши пешниҳоднамудаи Е.А. Шишковаро тавсия намуда, онро баррасӣ намудааст, ки он шояд дар оянда аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шавад (саҳ. 70-71). Дар робита ба баҳодиҳии татбиқи стратегияи рушд муаллиф раванди назорати иҷроиши стратегияро зарур мешуморад ва афзалияти онро дар бисёрзинагӣ будани он мебинад. Раванди назорати иҷроиши стратегия дар расми 2.1 нишон дода шудааст, ки аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ карда мешавад (саҳ. 73). Расми аз тарафи диссертант тавсияшуда шояд комил нест, вале онро ҳамчун инъикоскунандаи ин чараёни қабул намудан мумкин аст.

Муаллифи рисола дуруст қайд мекунад, ки «буҳронҳои молиявие, ки солҳои охир (2008, 2012, 2014) дар як қатор кишварҳои аз нигоҳи молиявӣ устувор ба амал омаданд, ба низоми молиявӣ ва бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири худро расониданд. Ташкилотҳои қарзӣ зимни буҳронҳои молиявӣ натавонистанд, ки ба рақобати шадид ва вазъи ногувори иқтисодӣ тоб оваранд. Маълум гашт, ки дар соли 2023 шумораи ташкилотҳои

қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо соли 2019 ба 63 адад коҳиш ёфтааст.

Муаллиф омили асосии коҳишёбиро дар сиёсати пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон оиди гузариш аз шумора ба сифат арзёбӣ кардааст (саҳ. 77). Омили дигар, ин дар раванди идоракунии ташкилотҳои қарзӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додани онҳост, ки ба устувории молиявии низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонида, сабаби коҳишёбии боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ гардид (саҳ. 78-79).

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки новобаста аз таъсири омилҳои берунӣ ва тағйиротҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои таҳлилшаванда (2019-2023) фаъолияти муътадили молиявиро нишон дода, нишондиҳандаҳои молиявӣ ва микдорӣ (шумораи филиалҳо, марказҳои хизматрасонӣ, банкоматҳо ва меъёри бозоргирии онҳо) тамоюли афзоишёбӣ дошта, саҳми бонкҳои тиҷоратӣ аз тарафи муаллиф ҳамчун институтҳои асосӣ дар ин ҷараён мусбӣ арзёбӣ гардидааст (саҳ. 82-83). Аз тарафи муаллифи рисола муваффақиятҳои низоми бонкӣ дар истифодаи самараноки фишангҳои муассири бонкдорӣ ва тариқи танзими меъёри бозтамвил, пешниҳоди қарзҳои бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, табдилдиҳии пасандозҳо ба сармоя дар бахши бонкии кишвар, беҳсозии фазои сармоягузорӣ дар ин самт, танзими фоизи бонкӣ аз рӯи қарзҳо ва пасандозҳо, инчунин пешниҳод гардидани имтиёзҳои фоизӣ ба соҳибкорони истеҳсолии ватанӣ, ки барои татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар заминаи мусоиди рушдро фароҳам оварданд ба таври фарох таҳлил карда шудааст (саҳ. 88-89).

Мушоҳида мегардад, ки яке аз дастовардҳои рисола ин гузаронидани таҳлили амиқ оид ба татбиқи стратегияҳои рушд дар ҶСК «Бонки Эсхата» ва ҶСП «Бонки Арванд» мебошад. Муаллиф дар ин самт таҳлили амиқ гузаронида, нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратии мазкурро ба таври васеъ баҳогузорӣ кардааст. Натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои мазкур барои солҳои 2021-2023 собит кардааст, ки нишонидиҳандаҳои молиявӣ афзоиш ёфта, дар давоми солҳои таҳлилӣ рушди бемайлонро соҳиб гардидаанд. Ба ақидаи диссертант ин натиҷаи татбиқи самараноки стратегияи рушд мебошад, ки онро метавонем ҳамчун асоси воқеӣ қабул намоем (саҳ. 90-93).

Дар баробари ин, муаллифи рисола, аҳамияти инноватсияҳои бонкиро ба таври васеъ ва серпаҳлӯ таҳлил карда, ба ақидае расидааст, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ танҳо ҳамон бонкҳои тиҷоратие рақобатпазир боқӣ мемонанд, ки ҳангоми таҳияи стратегияи рушд омилҳои инноватсионӣ-технологиро пурра ва комил ба инобат гирифта бошанд (саҳ. 94-100). Айни

замон фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро бидуни истифодаи технологияи инноватсионӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст, ки бевосита тақозои иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Яъне дар ин самт муаллиф ба натиҷаи назаррас расидааст ва андешаҳои ӯ мантиқан саривақтӣ мебошанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар қисмати дуюми диссертатсия пешниҳод карда шудаанд аз нуқтаи назари методологӣ асоси воқеӣ доранд ва натиҷаи онҳоро метавон ҷиҳати истифодаи васеъ зимни таҳияи стратаегияи рушд ба бонкҳои тиҷоратӣ тавсия намуд.

**Дар боби сеюм – «Мукаммалгардонии самтҳои асосии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» (саҳ. 112-162)** вобаста ба такмили стратегияи инноватсионии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи меъёрҳои арзёбӣ ва баҳогузории стратегияи рушди ҶСК «Бонки Эсхата», тақвияти стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва дурнамои рушди он дар шароити иқтисодиёти рақамӣ тадбирҳо пешкаш гардидаанд.

Дар раванди тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муаллифи рисола илман асоснок намуда, чунин равандҳоро пешниҳод мекунад: - пешгирии бухронҳои иқтисодӣ, ки пайваста ба вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ таъсири манфӣ мерасонад; - коркард ва амалисозии сиёсати пулию қарзӣ, ки заминаи асосии рушди бонкҳои тиҷоратиро барои давраи миёнамӯҳлат фароҳам оварда тавонад; - ташкили низоми муассири менеҷмент ва тақвияти механизми идоракунии бозори молиявӣ; - табдили давлат ба маркази ягона ва асосии ҳамоҳангсоз ва танзимкунандаи низоми иқтисодию молиявӣ; - таъмини самаранокии идоракунии корпоративӣ ва ғайраҳо (саҳ. 118-123). Ҳамчунин, нуқтаи дигари муҳиме, ки диссертант ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст, ин таҳияи сиёсати инноватсионӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мебошад (саҳ. 124). Ташкили сиёсати инноватсионӣ дар шароити кунунӣ муваффақияти бонкро метавонад дар бозор таъмин намуда, имкониятҳои молиявии онро таҳким бахшад. Гузашта аз ин, дар ин самт зарурияти тақвияти банақшагирӣ, коркарди мониторинги татбиқи самараноки стратегияи инноватсионӣ, ки бо истифодаи технологияи муассир асос ёфтааст, тақозо карда шавад. Самти афзалиятноки сеюме, ки дар иҷроиши стратегияи инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ таъсири мусбат дорад, тақвияти заминаи инноватсионӣ дониста мешавад. Таҳияи заминаи зарурии инноватсионӣ метавонад, ки амалишавии сиёсати инноватсиониро ба роҳ монда, мушкилоти дохилӣ ва берунииро ба таври мушаххас ҳал намояд (саҳ. 125).

Аз тарафи муаллифи рисола татбиқи стратегияи рушди ҶСК «Бонки Эсхата» мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Андешаи муаллиф

чунин аст, ки «стратегияи рушд ҳамчун омили калидии рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ баромад намуда, таҳияи оқилона ва татбиқи саривақтии он метавонад ба самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ мусоидат намояд» (саҳ. 129). Аз ҷониби диссертант ҳолати молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» таҳлил шуда, бурдбориҳо ва норасоиҳои он ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Муаллиф махсусан қайд мекунад, ки «стратегияи рушди ҶСК «Бонки Эсхата», ки барои солҳои 2022-2026 қабул гардидааст, самтҳои афзалиятноки фаъолияти бонки мазкурро фарогир буда, метавонад дар рушду инкишофи фаъолияти молиявӣ дар солҳои болозикр мусоидат намояд. Стратегияи ҶСК «Бонки Эсхата» аз чор қисми асосӣ иборат буда, такомули фаъолияти бонкро дар солҳои 2022-2026 дар бар гирифтааст». Дар расми 3.4 тартиби таҳияи стратегияи рушди ҶСК «Бонки Эсхата«» оварда шудааст, ки фарогирандаи паҳлуҳои мухталиф мебошад. Барои боз ҳам беҳтар гардидани фаъолияти бонки мазкур дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муаллиф истифодаи хизматрасониҳои ташкилотҳои рейтингии Standard&Poor’s ва Fitch Ratings-ро тавсия намудааст, ки қобили қабул мебошад. Вале вобаста ба ин фикри муаллиф бояд нуқтаи муҳимеро илова намуд, ки истифодаи хадамоти ташкилотҳои мазкур барои аксари бонкҳои тиҷоратӣ гаронӣ мекунад. Ба ҳар ҳол стратегияи рушди ҶСК «Бонки Эсхата» ва тариқи истифодаи механизмҳои татбиқи он, чараёни назорат ва тартиби банақшагирӣ аз ҷониби муаллиф амиқ баррасӣ шуда, вобаста ба такмили минбаъдаи он тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудаанд.

Вобаста ба тақвияти стратегияи рушд дар бонкҳои тиҷоратӣ муаллиф чунин фикр мекунад, ки «баҳогузории вазъи бозор ва таҳлили ҳолати рушди иқтисодӣ метавонад барои ташкилотҳои қарзӣ фазои муносиби кориро таҳия намуда, иҷроиши стратегияи рушдро таъмин намояд. Таҳлилҳои гузаронида собит карданд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ ҳамон ташкилотҳои қарзие метавонанд муваффақияти назаррас дошта бошанд, агар равандҳои стратегӣ ва чараёни рушди технологияҳои инноватсиониро ба инобат гирифта тавонанд. Дар акси ҳол ба даст овардани муваффақият дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ амри маҳол боқӣ хоҳад монд» (саҳ. 135-140). Ба ин андешаи муаллиф бояд розӣ шуд, ки «низоми молиявии кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ марҳилаҳои пурпечутоби рушду инкишофро аз сар гузаронида ба муваффақиятҳо ва нокомиҳои зиёд ноил гардида ба марҳилаи нав – рушди инноватсионӣ ворид гашта истодааст, ки ин раванд бояд дар стратегияи рушди ҳар як ташкилоти қарзӣ дарҷ карда шавад. Ин марҳилаи нав гузариш ба иқтисоди рақамӣ, татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва интернет-банкингро дар назар дошта, назар ба низоми маъмулии низоми бонкӣ самараи бештарро дорад, ки

«Ташкили фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон», «Фаъолияти бонкӣ» ва «Низоми бонкӣ» васеъ истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии диссертатсия.** Истифодаи натиҷаҳои диссертатсияи мазкур дар фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, инчунин Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои татбиқи стратегияи рушд мусоидат карда, ҷиҳати устувор гардонидани мавқеъ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

**Аҳамияти иқтисодии диссертатсия** дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар заминаи такмили стратегияҳои рушди бонкҳои тиҷоратӣ, устувор гардонидани мавқеи онҳо нисбат ба таъсири манфии омилҳои беруна ва доҳилӣ ва дар ин асос гузариш ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум мусоидат менамояд.

Тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои коркарди самараноки механизми татбиқи стратегияҳои рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мезо (Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва микро ( бонкҳои тиҷоратӣ) истифода шавад.

**Аҳамияти иҷтимоии** диссертатсия дар таъмини фаъолияти устувори бахши бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ, ки боиси афзудани сармоягузорӣ ва қарздиҳии соҳаҳои воқеии он мегардад, замина гузошта, ҳамгироии бахши бонкиро бо иқтисоди воқеӣ тақвият мебахшад.

Тавсия мешавад, ки натиҷаҳои диссертатсия барои коркарди самараноки механизми бисёрҷанба дар раванди татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт, мезо ва микро истифода ва татбиқ карда шаванд.

## 6. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

Ба ҳамаи он вазифаҳое, ки оид ба мавзуи баррасишаванда, яъне, дар доираи такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, дар назди муаллиф гузошта шуда буд, ба пуррагӣ иҷро шудаанд. Инчунин муайян намудан мумкин аст, ки дар раванди таҳқиқот мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби диссертант ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин раванд муаллиф масъалаҳои асосии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратиро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба тақвияти он дар сатҳи институтсионалӣ пешниҳодҳои илман асоснок пешниҳод намудааст. Фарзияи таҳқиқоти

барои ташкилотҳои қарзӣ боз вазифаҳои навро рӯйи кор меорад» (саҳ. 143-150).

Дар зербоби **Хулоса ва пешниҳодҳо** маҷмуи хулосаҳои назариявӣ методологӣ- методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд (саҳ. 163-168).

### 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Дар диссертатсия ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқот асарҳои бунёдии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар самти такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки аз баррасии фарохи муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз маҷмӯӣ усулҳои муосир, ба монанди усулҳои диалектикӣ, илмӣ-мантиқӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, индуктивӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлили муқоисавӣ, монографӣ, сотсиологӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлилӣ-омилӣ ва гурӯҳбандии оморӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва ояндабинӣ истифода кардааст.

Истифодаи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низоми бонкӣ, дастурамалҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии мақомотҳои давлатӣ, инчунин Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии институтҳои байналхалқии молиявии бонуфуз ва марказҳои таҳқиқотии хориҷӣ, маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ, таҳлилу хулосаҳои институтҳои давлатӣ ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ ва амалии хулосаҳо ва тавсияҳоро инъикос мекунад.

### 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Аҳамияти илмии диссертатсия дар васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқии илмию назариявии такмили стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ зоҳир гардидааст. Он метавонад дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нави такмили механизми рушди стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ истифода гардад ва асосҳои назариявии масъалаи мазкурро тақвият бахшад. Хулосаҳои назариявии диссертатсия дар раванди таҳияи стратегияи идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ, мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бахри татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат менамоянд.

Инчунин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ ва тадриси фанҳои тахассусӣ аз фанҳои «Макроиқтисодиёт»,

диссертант эҳтимолияти баланди татбиқшавӣ дошта, онро аз рӯйи натиҷа низ муайян намудан имконпазир аст.

### 7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Натиҷаҳои диссертатсия дар 21 мақолаҳои илмӣ, инчунин 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, нашр гардида, пурра ба талабот ҷавобгуй мебошанд.

### 8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботҳои Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барасмиятдарории диссертасия ба бандҳои меъёрии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) Тартиби додани дараҷаи илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, инчунин талаботҳои дигари Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ва ҷавобгӯй аст.

### 9. Эродҳо оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар баробари паҳлуҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ, он дорои камбудиҳо ва хатогиҳо мебошад, аз ҷумла:

1) Мубрамияти таҳқиқи диссертатсияи тақризшаванда аз тарафи муаллиф ба пурраги дарҷ нашудааст, инчунин таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба таваррум таъсир мерасонад, ба чунин ҳолат овард, ки дар таъмини суботи молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ на фақат маҷмӯи омилҳои пулию қарзӣ (меъёри фоизҳо, пардохтпазирӣ), балки омилҳои ғайримонетарӣ (сиёсати фискалӣ, хариди давлатӣ, амнияти озуқаворӣ, таъминоти логистика) афзун гардида, зарурияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои гуногуни давлатиро бо Бонки миллии Тоҷикистон, яъне, такмили идоракунии давлатии бахши бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад;

2) Дар боби 2 таҳлили вазъи рушди низоми бонкӣ ва арзёбии он бояд бо назардошти ҷой доштани бухрони низоми бонкӣ воқеъбинона арзёбӣ мегардид, то ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии илман асоснок таҳия гарданд;

3) Дар рисола таҳлили вазъи низоми бонкӣ бо истифодаи давраҳои гуногун роҳандозӣ гардида, ба арзёбӣ ва хулосабардории носаҳеҳ оварда мерасонад. Бояд давраи ягонаи таҳлилӣ, ки солҳои 2015-2023 дар бар

мегирад, истифода мегардид;

4) Дар диссертатсия камбудиҳои техникӣ дар таҳияи ҷадвалу расмҳо ва хатогиҳои имлоӣ дида мешавад.

Норасогиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**10. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор**

Рисолаи диссертатсионии Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901–Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, кори тахассусии мустақиман анҷомёфта, дорои навгониҳои назариявӣ ва амалӣ, дар илму истеҳсолоти ватанӣ татбиқшаванда буда, ба талаботҳои бандҳои 31, 32, 33 Тартиби додани дараҷаи илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотиро пурра инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи диссертатсия Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна аз рӯйи ихтисоси эълоншуда сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дониста шавад.

**Муқарризи расмӣ,**
**Сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и., профессор** **Ш. Раҳимзода**

Имзои д.и.и., профессор Ш. Раҳимзода-ро тасдиқ менамоям.

**Нозири кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Мақсудшоева З.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 734024, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Мирзо Ризо, 6А. Тел: (+992 37) 221 67 50, факс (+992 37) 221 57 65, E-mail: eco_institute@rambler.ru